**КОНФЕРЕНСИЯИ ҶУМҲУРИЯВИИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ ОИД БА РУШДИ ТАФАККУРИ ИЛМИЮ ТЕХНИКИИ ХОНАНДАГОН**

18 сентябри соли 2026 тибқи нақшаи кории Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Таҳқиқи ҷанбаҳои илмию амалии рушди тафаккури илмию техникии хонандагон дар раванди арзёбии татбиқи маводи адабиёти таълимии фанни математика дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» баргузор гардид. Конференсияро директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, номзади илмҳои техникӣ Сироҷиддин Ниёзӣ ифтитоҳ намуда, зимни суханронӣ ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълими фанҳои дақиқ, такмили мазмуну муҳтавои адабиёти таълимӣ ва нақши китобҳои дарсӣ дар ташаккули тафаккури мантиқӣ, илмӣ ва техникии хонандагон таваҷҷуҳ зоҳир намуд. Мавсуф таъкид кард, ки рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф буда, татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» тақозо менамояд, ки ба сифати мазмуни таълим, китобҳои дарсӣ ва усулҳои омӯзиш муносибати ҷиддии илмӣ зоҳир карда шавад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ солҳои 2020–2040-ро Бистсолаи омӯзиш ва рушди ин фанҳо эълон намуда, ҳадафи онро рушди тафаккури техникӣ ва ҷаҳонбинии илмии ҷомеа арзёбӣ кардаанд. Зикр гардид, ки ин таъкид барои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф аҳаммияти махсус дошта, зарурати таҳлили мунтазами стандартҳои таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ ва роҳҳои самараноки омӯзиши фанҳои табииву риёзиро тақозо менамояд. Пешвои миллат вазифаҳои асосии ин ниҳодҳоро низ ба таҳқиқи масъалаҳои таълиму тарбия, таҳияи стандартҳо ва китобҳои дарсӣ, мониторинги сифати таълим ва омӯзиши масъалаҳои педагогикаи муосир марбут донистаанд. Дар қисми

асосии конференсия Имомназаров Давлат, муовини сардори раёсати таҳия ва тақризи адабиёти таълимии Пажӯҳишгоҳ, дар мавзуи «Масъалаҳои ҳалталаби китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар шароити ислоҳоти соҳа» маърӯза намуда, масъалаҳои вобаста ба мазмун, сохтор ва сифати адабиёти таълимиро мавриди таҳлил қарор дод. Ҳамчунин, Буриев Бахтиёр, ходими пешбари илмии раёсати таҳия ва тақризи адабиёти таълимӣ, дар мавзуи «Ҷанбаҳои илмию амалии рушди тафаккури илмию техникии хонандагон дар раванди татбиқи маводи адабиёти таълимии фанни математика дар синфҳои 5–11-и муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ» суханронӣ намуд. Зимни маърӯзаҳо масъалаҳои нақши мазмуну муҳтавои китобҳои дарсии математика дар ташаккули тафаккури мантиқӣ ва илмии хонандагон, рушди қобилияти таҳлил, муқоиса, хулосабарорӣ ва ҳалли масъалаҳо, инчунин самаранокии татбиқи маводи таълимӣ дар муассисаҳои озмоишӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Дар бахши муҳокима иштирокдорон доир ба роҳҳои такмили китобҳои дарсӣ, мутобиқ намудани мазмуни онҳо ба талаботи муосири таълим, баланд бардоштани самаранокии омӯзиши фанни математика ва татбиқи амалии ҳадафҳои Бистсола мубодилаи афкор намуданд. Дар фарҷом таъкид гардид, ки такмили мазмуну сифати адабиёти таълимӣ, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди тафаккури илмию техникии хонандагон аз вазифаҳои муҳимми таҳқиқоти педагогӣ дар шароити муосир ба ҳисоб меравад.




ДУРУД БА ИШТИРОКЧИЁНИ






35 - СОЛАГИИ
ИСТИҚЛОЛИЯТИ
ДАВЛАТИИ
ТОҶИКИСТОН